# СОЗИШНОМА
# БАЙНИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ЭСТОНИЯ
# ВА
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ БЕКОР НАМУДАНИ ТАЛАБОТИ РАВОДИД БАРОИ ДОРАНДАГОНИ ШИНОСНОМАҲОИ ДИПЛОМАТӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Эстония ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд "Тарафҳо" номида мешаванд;

бо мақсади мусоидат ба муносибатҳои дӯстона миёни ҳар ду халқҳо ва соддагардонии сафари шаҳрвандон;

ба мувофиқаи зерин расиданд:

## Моддаи 1

1. Дорандагони шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Эстония аз талаботи гирифтани раводид барои вуруд, хуруҷ, убур ва будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати на зиёдтар аз 90 рӯз дар муддати 180 рӯз аз санаи вуруд озод мебошанд, агар онҳо ба ягон фаъолияти корӣ, фаъолияти мустақилона ё ягон фаъолияти шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро нагирифта бошанд.
2. Дорандагони шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз талаботи гирифтани раводид барои вуруд, хуруҷ, убур ва будубош дар Ҷумҳурии Эстония ба муҳлати на зиёдтар аз 90 рӯз дар муддати 180 рӯз аз санаи вуруд озод мебошанд, агар онҳо ба ягон фаъолияти корӣ, фаъолияти мустақилона ё ягон фаъолияти шахсӣ дар Ҷумҳурии Эстония фаро нагирифта бошанд.

## Моддаи 2

1. Дорандагони шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Эстония, ки аъзои ҳайати дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Эстония ва ё намояндагони Ҷумҳурии Эстония дар созмони байналмилалии Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошанд, инчунин аъзои оилаи онҳо, ки дорои шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Эстония мебошанд, ҳуқуқ доранд, ки бидуни раводид ба муҳлати на зиёдтар аз 90 рӯз дар муддати 180 рӯз аз санаи воридшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид, будубош ва хориҷ шаванд.

2. Дорандагони шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳайси аъзои намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Эстония ба кор таъйин гардидаанд ё намояндаи созмони байналмилалӣ дар Эстония мебошанд, инчунин аъзои оилаи онҳо, ки дорои шиносномаҳои боэътибори дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ҳуқуқ доранд, ки бидуни раводид ба муҳлати на зиёдтар аз 90 рӯз дар муддати 180 рӯз аз санаи воридшавӣ ба Ҷумҳурии Эстония ворид, будубош ва хориҷ шаванд.

**Моддаи 3**

Шаҳрвандони ҳар ду Тараф, ки ба муқаррароти моддаҳои 1 ва 2 ин Созишнома оид ба бекор кардани талаботи раводид тааллуқ доранд, ҳуқуқ доранд ба ҳудуди Тарафи дигар тариқи дилхоҳ гузаргоҳҳои сарҳадӣ, ки барои рафтуомади мусофирони байналмилалӣ кушода мебошанд, бо риояи қонунҳо ва қоидаҳои Тарафи қабулкунанда оид ба рафтуомади шаҳрвандони хориҷӣ ворид, убур ё хориҷ шаванд.

**Моддаи 4**

Тарафҳо ҳамдигарро фавран тавассути огоҳиномаи хаттӣ оид ба тағйирот дар қонунгузориҳо ё қоидаҳои худ оид ба рафтуомади шаҳрвандони хориҷӣ хабар медиҳанд.

**Моддаи 5**

Ин Созишнома ба уҳдадориҳои шаҳрвандони ҳар ду Тараф оид ба риоя намудани қонунҳо ва низомномаҳои амалкунандаи Тарафи дигар дахолат намекунад.

**Моддаи 6**

Мақомоти дахлдори ҳар яке аз Тарафҳо ҳуқуқ доранд вуруд ё қатъи будубоши ҳар шаҳрвандро, ки мутобиқи ин Созишнома аз гирифтани раводид озод мебошанд, бо сабаби тартиботи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ё амнияти миллӣ рад намоянд.

**Моддаи 7**

Ҳар як Тараф метавонад амали ин Созишномаро пурра ё қисман бо сабаби таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва амнияти миллӣ боздорад. Яке аз Тарафҳо Тарафи дигарро дар бораи батаъхиргузорӣ ва бекор кардани батаъхиргузорӣ 30 рӯз қабл тавассути огоҳиномаи хаттӣ тариқи роҳҳои дипломатӣ огоҳ менамояд.

**Моддаи 8**

1. Тарафҳо намунаи шиносномаҳои дипломатии амалкунандаро тавассути роҳҳои дипломатӣ ҳадди ақал 30 рӯз қабл аз эътибор пайдо кардани ин Созишнома мубодила менамоянд.
2. Дар ҳолати аз ҷониби яке аз Тарафҳо ҷорӣ намудани шиносномаҳои нави дипломатӣ, он Тараф тавассути роҳҳои дипломатӣ Тарафи дигарро бо намунаҳои нави шиносномаҳои дипломатӣ на кам 30 рӯз қабл аз ҷорӣ намудани онҳо таъмин менамояд.

**Моддаи 9**

Ҳама гуна баҳсу мунозираҳо, ки вобаста ба тафсир ё амалисозии ин Созишнома бармеоянд, тавассути гузаронидани машваратҳо ё музокирот миёни Тарафҳо ҳаллу фасл карда мешаванд.

**Моддаи 10**

1. Ин Созишнома баъд аз 60 рӯзи гирифтани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи аз ҷониби Тарафҳо иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани ин Созишнома заруранд, эътибор пайдо мекунад.
2. Ин Созишнома ба муҳлати номуайян эътибор дорад, агар амали он аз ҷониби яке аз Тарафҳо 90 рӯз қабл аз гирифтани огоҳномаи хаттӣ тавассути роҳҳои дипломатӣ қать нагардад.
3. Бо розигии хаттии Тарафҳо ба ин Созишнома метавонанд тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар шакли

протоколи алоҳида ба расмият дароварда, қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур ба шумор меравад.

ШАХСОНИ ДАР ЗЕР ИМЗОНАМУДА, ки ба таври лозима аз ҷониби ҳукуматҳои худ ваколатдор шудаанд, Созишномаи мазкурро ба имзо расониданд.

Дар шаҳри Душанбе "18" Октябр соли 2019 дар 2 нусхаи асл, ҳар кадом бо забонҳои эстонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳамаи матнҳо эътибори яксон доранд, ба имзо расонида шуд. Дар ҳолати ба миён омадани ихтилоф дар тафсири Созишномаи мазкур, матни забони англисӣ бартарӣ хоҳад дошт.

| | |
|---|---|
| **Аз номи** | **Аз номи** |
| **Ҳукумати Ҷумҳурии Эстония** | **ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон** |
| Heiti Mäemees | Sirojiddin Muhriddin |